*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия*
*ва иқтисоди Тоҷикистон (734067,*
*ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо» (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия би ҳимоя пешниҳод шудааст.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои 1.1., 1.9, 1.13, 1.18., 1.24. шинономаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ ҷавобгӯ мебошад.

**2. Мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ.** Масоили таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи ҳар як кишвар ва манотиқи алоҳидаи он яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони имрӯз маҳсуб меёбад ва муҳиммияти он сол аз сол афзуда, роҳҳу усулҳои муосир ва инноватсионии ҳалли ин мушкилотро тақозо менамояд. Дар амалия ҳар як кишвар кӯшиши онро дорад, ки аҳолии худро бо маводи озуқаворании худӣ дар сатҳи ҷавобгӯйи талаботи муқарраршуда таъмин намояд. Барои расидан ба ин ҳадаф самаранок истифода намудани иқтидори захиравӣ-табиии ҳар як кишвар ва минтақаҳои он накши бориз дорад. Махсусан, истифодаи захираҳои обу замин дар доираи соҳаи кишоварзӣ ва рушди истеҳсолоти агросаноатӣ барои аксари мамолик, аз ҷумла барои ҷумҳурии мо шарти муҳими ҳалли масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ маҳсуб меёбад, зеро сатҳи ТБО ба истиқлолияти воқеии кишвар таъсирбахш мебошад.

Муҳиммияти ин масъала борҳо аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардидааст, махсусан дар Паёми солонаи худ 26.01.21 қайд намуданд, ки “...бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза мо минбаъд низ бояд тарзе кору фаъолият намоем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардумамон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ кашанд”. Аз ин лиҳоз, барои ҳалли масоили ТБО истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиии кишвар ва минтақаҳои он зарур

буда, дар ин замина ноил шудан ба рушди босуботи истеҳсолоти агросаноатӣ тариқи ҳалли мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта, зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии масоили мазкурро ҳамчун муаммои иқтисодӣ-иҷтимоии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба миён меоварад. Масоили болозикр мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Таҳлили диссертатсияи пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар он муаллиф аз назарияи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оиди таъмини амнияти озуқаворecho минтақа, маълумоти марказҳои таҳқиқотӣ, маводҳои конфронсҳои илмию амалӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда ба ҳайси пойгоҳи назариявию услубии ин тадқиқот дар сатҳи қобили қабул истифода намудааст.

Ҳамчунин, моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардаро олимон ва коршиносон ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти таъмини амнияти озуқаворӣ машғулбуда метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд. Ба ҳайси сарчашмаи иттилоотӣ маълумотҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи амнияти озуқаворecho назди Президенти ҷумҳурӣ, маълумотҳо аз монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода шуданд. Инчунин, муаллиф Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бюллетени иттилоотӣ дар бораи бехатарии озуқа ва камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор додааст.

Аз хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд, ки муаллиф тавонистааст онҳоро дар асоси арзёбии таъмини амнияти озуқаворӣ дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ба даст оварда, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии минтақаҳо барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи чорабиниҳо дар самти таъмини амнияти озуқавории минтақа пешниҳод намудааст. Инчунин, муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ба монанди таҷрибаи давлати Япония, давлатҳои аъзои Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тараққиёт (ОЭСР), Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ӯзбекистонро омӯхта ба чунин хулоса омадааст, ки таҷрибаи пешқадами як қатор кишварҳои дунё ба монанди Ҷумҳурии Мардумии Чин ва кишвари ҳамсоя ва дӯсти Ӯзбекистонро дар мисоли минтақаи таҳлилшаванда, оиди таъмини амнияти озуқаворӣ амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамчунин, таҳлилҳо нишон доданд, ки муаллиф хеле моҳирона адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқотро истифода намуда, далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии худро дар раванди таҳқиқот натиҷабардорӣ, коркард ва арзёбӣ намудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Ба андешаи мо, унсурҳои асосии ба ҳимоя ошкоро пешниҳод мешавад, аз инҳо иборат мебошад:

- таҳкими асосҳои назариявии мафҳуми «иқтидори захиравӣ-табиӣ» ҳамчун як унсури калидии рушди иқтисодиёти минтақа бо мақсади таъмин кардани аҳолии ҷумҳурӣ ва манотиқи алоҳида бо маводи озуқаворӣи худӣ, дар заминаи беҳтар намудани шароити иҷтимоии зиндагии мардум дар миқёси кишвар муҳим аст.

- баҳодиҳии  усулҳои арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои табиию экологӣ дар минтақа бо дарназардошти таҳияи қоидаҳо, муайян кардани хусусиятҳои хос ва таҳлили омилҳои таъсиррасон ба минтақавииӣ ТБО дар манотиқи ҷумҳурӣ.

- таҳлили фаъолияти механизмҳои экологӣ-иқтисодӣ бо назардошти истифодаи самараноки нерӯи захираҳои табиӣ дар минтақаҳои маъмурию ҳудудии муайяншуда, бо дарназардошти дақиқсозии самтҳои асосии дастгириҳои давлатӣ дар идораи ТБО дар минтақаҳо.

- пешниҳодоти ба коркардҳои илмӣ асосёфта, ки ба такмили самтҳои асосии истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ равона шудаанд, аз ҷумла таҳияи усулҳо ва механизмҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, муҳим мебошанд. Татбиқи чунин чораҳо имкон медиҳад, ки шароити зиндагӣ беҳтар гардад ва сатҳи суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар минтақа боло́ равад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмию назариявии таҳқиқоти диссератсионии мазкур аз он иборат аст, ки назарияҳои дар кор шаклгирифта заминаи муҳим оиди таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа барои муайян намудани самти бехатарии иқтисодӣ ва амалисозии нуктаҳои асосии  он маҳсуб меёбанд. Баъзе ҷанбаҳои  илмии диссертатсияро метавон ба сифати мавод барои асоснок намудани роҳҳои беҳдошти таъмини амнияти озуқаворӣ дар мисоли минтақа ва такмили назариявӣ-методологии он истифода бурд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зуҳур мекунад, ки тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи

нисбатан илмӣ ва методӣ, муаммоҳои таъмини устувори минтақа бо озуқаворӣ дар шароити танзими давлатии бозори озуқаворӣ ва таҳкими истиқлолияти иқтисодии минтақаҳо ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Аз таҳлилу баҳодиҳии диссертатсия бармеояд, ки давраҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки мустақими муаллиф, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳаммияти он анҷом пазируфтааст. Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди тавсияҳои кори илмӣ ва пешниҳодҳои мушаххас баён гардидаанд, ки ба татбиқи амалии сиёсати аграрии давлат, аз ҷумла шаклу усулҳои пешқадами рушди соҳаи кишоварзӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф бо натиҷаи илмии ба ҳимоя пешниҳод намуда, мутобиқат намуда, навгонии илмӣ ва истифодаи амалии худро дорад.

**6. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот ва пешниҳоди муаллиф мумкин аст, ки дар татбиқи амалии Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт барои солҳои то 2030 дар бахши кишоварзӣ, инчунин ҳангоми таъмини бехатарии иқтисодии кишвар мавриди истифода қарор гирад. Татбиқи натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар санади Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 5/7-903 аз 16.01.2024 ҳамчун самти роҳандозӣ намудани ташаббусҳо оид ба сиёсати аграрӣ, ки қайд гардидааст. Ҳамчунин, коркардҳои илмии муаллиф дар раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии “Иқтисодиёти КАС”, “Иқтисоди миллӣ”, “Иқтисодиёти аграрӣ” истифода шудаанд, ки дар санади татбиқ таҳти №706/дс аз 4.12.2023 дарҷ шудааст.

**7. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 175 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 21 ҷадвал, 1 диаг-рамма ва 7 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 152 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъалаҳои мавриди омӯзиш қарордошта, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии он, объекти таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, мутобиқати диссертатсия ба шинос-

номаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок ва пешниҳод гардидааст.

**Дар боби аввал «Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа»** ҷанбаҳои назариявии услубии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа ва рушди комплекси агросаноатӣ ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа, таҷрибаи хориҷӣ оид ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Тибқи таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа бо назардошти талаботи имконияти қонеъгардонии онҳо аз ҳисоби истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ мебошад» (с.19).

Диссертант дуруст қайд менамоянд, ки тағйиротҳо ба омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ низ вобаста буда, аз ҳисоби муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ба тариқи эволютсионӣ, аз ҳисоби муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ба тариқи инқилобӣ, дар мавриди ба ҳам мувофиқат кардани қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ тағйир ёфта, мафҳумҳои "бехатарии озуқаворӣ" ва самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табииро инъикос намуда, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таҳқиқоҳои илмии худро доранд. Аз ин ҷост, ки дар саҳифаи 21-и диссертатсия (расми 1.1.), муаллиф сохтори функсионалии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақаро оварда шарҳ додааст.

Дар заминаи таҳқиқоти илмӣ, ба андешаи муаллиф бехатарии озуқаворӣи минтақавӣ ба истеҳсоли ҳарчӣ зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ такя менамояд. Аз ин хотир, дар ҷумҳурӣ зарур аст, ки коркарди низоми хуби аз нигоҳи илмӣ асоснокгардидаи ташкилӣ-иқтисодии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо, рушди босуръати бозори озуқаворӣ, шароити хуби таъмини маҳсулотҳои озуқаворӣи босифат, маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ таъмин карда шавад. Дар ин замина дар расми 1.2. (с. 29) муаллиф сохтори функсионалии масъалаи таъмини сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа оварда шудааст.

**Дар боби дуюм «Таҳлил, ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлил ва ҳолати

истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон муайян гардида, баҳои нишондиҳандаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатии Хатлон гузаронида шудаанд.

Диссертант қайд мекунад, ки истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дошта ҳамчун унсури муҳими иқтидори захиравӣ-табиӣ вилояти Хатлон минтақа аз бисёр ҷиҳат аз сохтори оптималии истифодаи онҳо вобастагӣ дорад. Дар ин замина сохтори заминҳои кишти кишоварзӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон дар моҳи январи соли 2023 дар диаграммаи 2.1. дар саҳифаи 67-и диссертатсия ва динамикаи истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба сари аҳолӣ дар вилояти Хатлон бо нишондиҳандаи кг/одам дар ҷадвали 2.1. дар саҳифаи 68-и диссертатсия оварда шудааст.

Ҳамчунин, муаллиф асоснок намудааст, ки афзоиши аҳолӣ дар минтақа ба норасоии маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва сифати пастшавии онҳо оварда мерасонад. Вобаста ба ин, муаллиф дар рисола истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон, ҷадвали 2.3., саҳифаи 73 пешниҳод намудааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон»** танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа дар шароити муосир муайян гардида, истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа коркард ва пешниҳод гардида, модели баҳои самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Дар диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки зарурати дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори дохилии озуқаворӣ, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст. Дар ин асос аз ҷониби муаллиф фишангҳои танзими давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар расми 3.1 ( саҳифаи 116) таҳия шудааст.

Ҳамчунин, муаллиф дар саҳифаи 133 кори илмӣ қайд менамояд, ки махсусгардонии минтақа ба сохтори истифодаи замин ва ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии дастгирии соҳаи комплекси агросаноатӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад ва дар ин замина муаллиф дар ҷадвали 3.3. динамика ва сохтори заминҳои кишти кишоварзӣ дар вилояти Хатлонро таҳия ва таҳлилу баҳогузорӣ намудааст.

Дар зербоби 3.3 ( саҳифаҳои 139-152) рисолаи мазкур аз ҷониби муаллиф дар ҷадвали 3.11. дурнамои истеҳсоли маҳсулотҳои асосии

озуқаворӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон то соли 2030 аз рӯйи модели регрессионӣ-коррелятсионӣ тақия гардидааст, ки ба ҳадафҳои стратегии миллии кишвар то соли 2030 наздик буда, ба таъмини озуқаворӣ кишвар мусоидат менамояд.

**Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо** натиҷаҳои асосии кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии диссертатсияи тақризшаванда аз ҷониби муаллиф дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки муҳтавои диссертатсия ва автореферaтро ба пуррагӣ инъикос мекунанд.

**9. Мувофиқати диссертатсия ба талаботҳои КОА.** Умуман, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзии «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо» (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, тақия карда шудааст.

**10. Эродҳо ва камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҳамзамон дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳсталаб низ вомехӯранд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия фикру андешаҳои олимони хориҷӣ оиди мафҳуми " таъмини бехатарии озуқаворӣ" пешниҳод намудааст, вале нуқтаи назари муаллиф дар шакли таърифи муаллифӣ оиди ин мафҳум ба таври мушаххас дар рисола инъикос нагардидааст.

2. Дар зербоби 1.3. таҷрибаи хориҷии ТБО дар як қатор кишварҳои дунё таҳлил шудааст. Аммо муаллиф натиҷагирӣ накардааст,ки таҷрибаи кадоме аз ин кишварҳоро дар шароити ҷумҳурии мо ва истифода намудан самаранок маҳсуб меёбад.

3. Дар диссертатсия, саҳифаи 71-75 истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон оварда шудааст. Аз нигоҳи мо, хубтар мешуд, агар дар рисола минтақабандии ҳудудӣ мушаххас нишон дода шуда, муаллиф натиҷагирӣ менамуд, ки истеҳсоли кадоме аз маҳсулотҳои кишоварзӣ дар кадом ноҳияҳои вилояти Хатлон самаранок ба ҳисоб меравад.

4. Дар зербоби 3.3., ки сухан сари баҳодиҳии самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ меравад. Мазмуни ин зербоб боз ҳам бою ғанӣ мегардид, агар муаллиф шароитҳои табиӣ-иқлимии ноҳияҳои минтақаи Хатлон

асоснок намуда, дар шакли ягон расм махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзии онҳоро нишон медод.

5. Баҳои диссертатсия афзун мегардид, агар муаллиф дар раванди кори диссертатсионӣ вобастагии таъмини бехатарии озуқавориро аз рушди саноатикунонии босуръат, ки ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии мо эълон гардидааст ва алоқамандии онро бо комплекси агросаноатӣ нишон медод. Ба он хотир, ки маҳз комплекси агросаноатӣ ва доираи асосии он кишоварзӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши бориз доранд.

**11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии пешниҳодшуда, таҳқиқоти илмии мустақилона ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва интишороти муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии таъмини амнияти озуқавории минтақаро тараққӣ медиҳад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо» (дар мисоли вилояти Хатлон)» - Расулов Ҷовид Қурбонович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ,** н.и.и., дотсент,
мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги
сармоягузорӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон **Ахмедов Д.Ҳ.**

Имзои Ахмедов Д.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам,
Сармутахассиси оид ба кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ **Баротова Ш.У.**

**Суроға:** 734020, ш.Душанбе, кӯчаи
Ҳаёти Нав, 306, тел: 236-92-03
E-mail: info@tniieosp.tj